Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон



# Зӯроварӣ амали ноҳақ аст!

## Буллинг чист?

Буллинг – ин як навъи зӯроварист. Вақте ки ба шахс лақаби нофорам мегузоранду ҳамеша масхарааш мекунанд, доимо ба ӯ сухани қабеҳ мегӯянд, мекӯшанд ӯро дар байни ҷомеа паст зананд, фазои дигаронро оид ба ягон кор маҳдуд мекунанд, зери фишору таҳдид мегиранд ва бо ин усул дар ӯ тарсу ваҳмро ба вуҷуд меоранд, ашёҳои шахсиашро маҷбуран меситонанд ё нобуд месозанд, лату кӯб ва барои иҷрои ягон амали номатлуб маҷбур мекунанд.

## Зӯроварӣ ҳангоми вохӯрӣ чист?

Ба зӯроварӣ ҳангоми вохӯрӣ ҳама гуна фишори ҷисмонӣ, равонӣ ва шаҳвонии байни ҷуфте, ки зисти якҷоя надоранд, дохил мешавад. Масхара кардан, паст задани шаъни инсон, таҳдид, тафриқагузорӣ аз дигарон, беэътиноӣ, зулмоварӣ, таҳқиркунӣ дар ҷомеа, таъқиб, гунаҳкорӣ, «рашк», «хӯҷаинӣ» ва ғайра низ зӯроварӣ мебошанд.

## Дар қонунгузории ҶТ нисбати шахси «зӯровар» чӣ пешбинӣ шудааст?

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба зӯроварии равонӣ пешбинӣ шудааст: дар моддаи 109 (ба худкушӣ расондан), м.111 (қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ), м. 112 (қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ), м.113 (қасдан расонидани зарар ба саломатӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ), м.114 (қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ дар ҳолати баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ), м.115 (Қасдан расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ дар ҳолати баромадан аз ҳадди чораҳои зарурӣ ҳангоми дастгир кардани шахси ҷиноят содирнамуда), м.116 (лату кӯб), м.117 (азобу уқубат), м.120 (таҳдиди куштан ё расондани зарари вазнин ба саломатӣ), м.122 (маҷбур кардан барои гирифтани узвҳо ё бофтаҳои бадани инсон барои пайвандсозӣ), м.134 (маҷбуркунӣ), м.143.1. (шиканҷа).
Пешбинии ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба зӯроварии ҷисмонӣ дар моддаҳои 104-119 КҶ ҶТ, яъне аз одамкушӣ то ба аз беэҳтиётӣ расонидани зарари миёна ба саломатӣ.
Яке аз навъҳои фишорҳои ҷисмонӣ ин зӯроварии шаҳвонист. Дар КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ доир ба ин навъи зӯроварӣ пешбинӣ шудааст: дар моддаи 138 (таҷовуз ба номус), м.139 (ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ), м.140 (маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ), м.166 (ҷалби шахси ноболиғ ба содир намудани кирдорҳои зидди ҷамъиятӣ), м.238 (ба фоҳишагӣ ҷалб намудан), м.241.2. (истифодаи ноболиғ бо мақсади истеҳсол намудани мавод ё предметҳои порнографӣ).
Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» (19 марти 2013, №954 қабул шудааст) на танҳо ҳуқуқҳои занону мардони дар қайди никоҳ буда, балки ҳуқуқҳои фарзандон ва волидони калонсолро низ ҳифз мекунад. Қонун на танҳо ҳуқуқҳои онҳо, балки ҳуқуқҳои шахсонеро, ки никоҳи динӣ доранд, инчунин ҳуқуқҳои кӯдакони дар ин гуна оилаҳо ба воя расида ва оилаҳоеро, ки ба зӯроварӣ аз тарафи дигар аъзои оила гирифтор мешаванд, ҳимоя мекунад.

## Мақомотҳо ва шуъбаҳое, ки ба шахсони тахти зӯроварӣ гирифтор шуда кӯмак мерасонанд:

**Телефони боварии Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**(+992 37) 221-21-21**

**Телефони ройгони Хизмати «Мадад»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**19-19**

**Телефони боварӣ ва Маркази захиравӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила дар назди Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**13-13**

**Телефони шабонарӯзӣ!**

Spotlight Initiative
To eliminate violence aginst women and girls

Ин нашрия дар доираи татбиқи Лоиҳаи “Нури рӯшноӣ” омода карда шудааст. Мақсади Лоиҳа ин барҳам додани зӯроварӣ нисбати занону духтарон мебошад.

Маълумот, таҳлил, ақидаву тавсияҳое, ки дар маводи зерин нашр шудаанд, танҳо маводҳои ТҶ «Ҳамсол ба ҳамсол» ба ҳисоб мераванд ва нигоҳи Ташаббуси “Нури рӯшноӣ” ва ИА-ро нишон намедиҳанд.

## Ҳаёти Суман, 20 сола.

Суман дар оилаи муқаррарӣ ба дунё омада, донишҷӯи яке аз донишгоҳҳои олии кишвар мебошад. Ӯ донишгоҳро бо баҳои аъло мехонад. Суман бо Тоҳир ном ҷавоне шинос шуд ва байнашон муҳаббат пайдо гардид. Аз рӯи хислат Тоҳир хеле худпараст буда, Суманро «моли шахсии худ» медонад. Аз сабаби нобоварӣ ва рашки барзиёд ба Суман зӯроварии ҷисмониро ба кор мебарад. Тоҳир баҳона пеш меорад, ки гӯё Суман худро барои ҷолиби таваҷҷӯҳи атрофиён оро медиҳад, либоси номувофиқ пӯшида, дар маконе бо бегонае сӯҳбат кардааст. Суман ҳамеша дар ҳарос буд, ки Тоҳир метавонад обруи ӯро дар назди хешовандонаш ва одамони дигар паст занад. Ӯ чунин рафтори Тоҳирро ҳамчун нишонаи муҳаббат қабул мекард ва гӯё «агар ҳангоми рашк чизеро манъ кунад, ин нишонаи дӯстдорист, агар сиёсат ва ё шиканҷа кунад – дӯст медорад…». Охир, мегӯянд-ку, ин ҳама нишони муҳаббат аст… Бинобар ин, Суман бар хилофи рафтори Тоҳир чизе намегуфт.

Мутаассифона, ҳазорон нафар дар ҷомеаи имрӯза мисли Суман аҳволу саргузашт доранд. Ин гуна муносибатҳои кӯҳнаи анъанавӣ барои тағйири нигоҳҳои ҷомеа оид ба нақши духтарон, инчунин ба фарҳангу рушди ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Эҳтироми ҳуқуқҳо, махсусан ҳуқуқҳои духтарон, ҳисси ухдадорӣ ва боварӣ дар ҷомеа аз ҳама ҷиҳат боло меистад.



## Зӯроварӣ чист?

Зӯроварӣ — кирдори зиддиҳуқуқии барқасдона ва дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ аст, ки дар доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби як шаҳрванд нисбат ба дигар шаҳрванд содир шуда, тавассути роҳҳои гуногун, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет ва ғайра боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани зиёни ҷисмонӣ ва зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад, мебошад.

## Намудҳои зӯроварӣ

- Зӯроварии ҷисмонӣ
- Зӯроварии гендерӣ
- Зӯроварии шаҳвонӣ
- Зӯроварии равонӣ
- Зӯроварии иқтисодӣ
- Зӯроварӣ тавассути интернет

## Зӯроварии ҷисмонӣ чист?

Зуроварии ҷисмонӣ ин амали зиддиҳуқуқие аст, ки як шахс ба саломатии шахси дигар тавассути истифодаи қувваи ҷисмонӣ барқасдона зарар мерасонад.

## Зӯроварии гендерӣ чист?

Ҳама гуна зӯроварӣ ба шахс ё гурӯҳи шахсоне, ки бо сабаби мансубияти ҷинсиашон алоқаманд аст, ба зӯроварии гендерӣ дохил мешаванд. Он метавонад зӯроварии шаҳвонӣ, зӯроварӣ дар оила, фурӯши одамон, издивоҷи бармаҳалли маҷбурӣ ва таҷрибаҳои зарарноки анъанавӣ бошад.

## Зӯроварии шаҳвонӣ чист?

Зӯроварии шаҳвонӣ - ин кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як шаҳрванд, ки ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии дигар шаҳрванд таҷовуз мекунад ва инчунин ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки нисбат ба узви ноболиғи оила содир шудаанд, мебошад.

## Зӯроварии равонӣ чист?

Зӯроварии равонӣ - ин паст задани шаъну шарафи як шахс аз ҷониби шахси дигар бо роҳи таҳдид, таҳқир, ва маҷбуркунӣ буда, ба вайроншавии инкишофи равонӣ, ҷисмонӣ ё шахсият оварда мерасонад.

## Зӯроварии иқтисодӣ чист?

Зӯроварии иқтисодӣ - кирдори зиддиҳуқуқии барқасдонаи як шаҳрванд нисбат ба дигар шаҳрванд вобаста ба маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, хӯрок, либос, молу мулк ё воситаҳое, ки ҷабрдида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳуқуқ дорад ва ин кирдор метавонад боиси вайрон гардидани солимии ҷисмонӣ, равонӣ ё сар задани дигар ҳолатҳои ногувор гардад.



## Зӯроварӣ тавассути интернет чист?

Зӯроварӣ тавассути интернет – ин як навъи зӯроварӣ буда, бо истифода аз технологияҳои муосир рух медиҳад. Он метавонад дар шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои паёмнависӣ, платформаҳои бозӣ ва телефонҳои мобилӣ сурат гирад. Ин рафтори такроршаванда буда, ба тарсонидан, хашмгин кардан ё хиҷолат додани дигар нафар, нигаронида шудааст.